# Меъёри бозтамвил бетағйир нигоҳ дошта шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №48, аз 30 июли соли 2026 ҷиҳати бетағйир дар сатҳи 7,00 фоизи солона нигоҳ доштани меъёри бозтамвил қарор қабул гардид. Қарори мазкур бо назардошти болоравии сатҳи нархҳои ҷаҳонии маводи сӯзишворӣ ва эҳтимолияти идомаи он дар ояндаи наздик, ноустувории баъзе аз маҳсулоти воридотии истеъмолӣ, ҳамзамон муътадил будани қурби пули миллӣ нисбат ба бештари асъорҳои хориҷӣ ва дар доираи ҳадафи муқаррааргардида қарор доштани сатҳи таваррум қабул карда шуд.